**Маълумот оид ба лоиҳаи “Мустаҳкам намудани инфрасохтори муҳим ҷиҳати таъмини устуворӣ ба зидди офатҳои табиӣ”**

## Маълумоти умумӣ

| | |
|---|---|
| **Рақами мушаххаси Лоиҳа** | **(ИН проекта P 158298)** |
| **Санаи имзои Созишнома оид ба маблағгузории Лоиҳа** | **15 августи соли 2017** |
| **Санаи оғози татбиқи Лоиҳа** | **08 феврали соли 2018** |
| **Санаи анҷоми Лоиҳа** | **31 декабри соли 2023** |
| **Маблағгузории Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушд** | **Грант № D205-TJ -** 25.00 млн долл. ИМА<br>**Кредит № 6089-TJ-** 25.00 млн долл. ИМА |
| **Маблағи умумии Лоиҳа** | **50 миллион доллари ИМА** |

**<u>Ҳадаф ва вазифаҳои лоиҳа:</u>** таҳкими нерӯи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи идоракунии хатари офатҳо, баланд бардоштани дараҷаи устувории инфрасохтори муҳими он ба хатарҳои табиӣ ва афзун намудани нерӯи он дар соҳаи вокуниш ба офатҳо.

<u>Мақомотҳои татбиқкунанадаи лоиҳа:</u>

- Муассисаи давлатии Маркази татбиқи лоиҳаи “Дастрасӣ ба маблағгузории сабз ва маблағҳои рушди деҳот”-и назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муассисаи давлатии “Маркази идораи лоиҳаи идоракнии захираҳои обии водии Фарғона”-и назди Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Гурӯҳи татбиқи лоиҳа дар назди Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

<u>Сармоягузор:</u> Бонки Умумиҷаҳонӣ /Ассотсиатсияи байналмилалии рушд/

**Ҳудуди татбиқи лоиҳа:** шаҳру ноҳияҳои Вилояти Хатлон ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳри Душанбе.

**Компонентҳои Лоиҳа:**

**Компоненти I. Таҳкими нерӯ дар соҳаи идоракунии хатари офатҳо (ИХО)**

Таҳкими нерӯи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи Идоракунии хатари офатҳо дар масъалаи мушаххасгардонии хатари офатҳо, таъмини омодагӣ ба офатҳо ва ҳимояи молиявӣ аз офатҳо тавассути:

**Зеркомпоненти 1.1.** Навсозии марказҳо ва системаҳои идоракунии вазъиятҳои буҳронӣ барои беҳтар намудани омодагӣ ба офатҳо.

(a) сохтмон ва барқарорсозии марказҳои миллии идоракунии вазъиятҳои буҳронӣ, насб кардани таҷҳизоти зарурӣ барои системаи огоҳсозии барвақт ва системаи идоракунии вокуниш ба офатҳо ва алоқа;
(b) харидани маҷмааҳои сайёри фармондиҳӣ ва алоқа барои марказҳо ва системаҳои идоракунии вазъиятҳои буҳронӣ дар сатҳҳои минтақавӣ ва маҳаллӣ;
(c) тайёр кардани дастури амалиётӣ барои марказҳо ва системаҳои идоракунии вазъиятҳои буҳронӣ; ва
(d) барои кормандон ташкил намудани Таълими идоракунии офатҳо ва алоқа.

**Зеркомпоненти 1.2**. Харидан ва васл кардани таҷҳизот барои арзёбии эҳтимолии хавфи заминларза ва тайёр кардани микроноҳиябандии нави сейсмикии минтақаҳои алоҳидаи ҳудуди ҷумҳурӣ.

**Зеркомпоненти 1.3.** а) гузарондани ташхис ва арзёбии хавф ба буҷети давлатӣ барои муайян кардани уҳдадориҳои шартӣ, захираҳои мавҷуда ва норасоиҳои маблағгузорӣ; (b) таҳияи **стратегияи ҳимояи молиявӣ** барои сабуктар намудани зарарҳои буҷети давлатӣ дар натиҷаи офатҳои табиӣ; ва (c) афзун намудани нерӯи тарафҳо-иштирокчиёни асосии манфиатдор дар иҷрои чунин стратегия.

**Компоненти 2. Таъмини устувории инфрасохтори муҳим ба хатарҳои табиӣ.**

1. Азнавсозӣ ва мустаҳкам намудани 17 пул дар ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон ва Мурғоби ВМКБ, ки ба шабакаи нақлиётӣ мансуб мебошанд, аз он ҷумла рост кардани маҷрои дарёҳо ва муҳофизати соҳили дарёҳо аз боло ба поён қад-қади маҷро аз нуқтаи воқеъшавии пулҳо, инчунин муҳофизати нишебию теппаҳои роҳҳое, ки ба чунин пулҳо мебаранд, харидани техникаи вазнини махсус.
2. Азнавсозӣ ва мустаҳкам намудани инфрасохтори зидди обхезӣ ва инфрасохтори соҳилмустаҳкамкунӣ дар шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Восеъ ва Қубодиёни вилояти Хатлон, аз он ҷумла сарбандҳои вайроншудаи соҳили дарёҳо, ки хоктеппаҳо, инфрасохтори соҳилмустаҳкамкунӣ, иншоотҳои обёрӣ, инчунин заҳбурӣ, обгирӣ ва обдиҳиро муҳофизат мекунанд, харидани техникаи вазнини махсус.

**Компоненти 3. Вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодда**

Ҳангоми зарурат таъмин намудани вокуниши фаврӣ ба Ҳолати бухронӣ ё фавқулодда.

**Компоненти 4. Идоракунии Лоиҳа.**

Таҳкими нерӯи Ҷумҳурии Тоҷикистон. дар соҳаи ҳамоҳангсозии Лоиҳа, назорат, идоракунии молиявӣ, таълим ва маблағгузории хароҷотҳои амалиётӣ барои (i) МТЛ Вазорати молия, (ii) ГТЛ Вазорати нақлиёт ва (iii) МИЛ Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.